Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-062 назди Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон (734025, шаҳри Душанбе, кӯчаи Мирзо Турсунзода, 30; e-mail: p.rektora@mail.ru)

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Зияева М.Д. ба диссертатсияи Муртазозода Ораз дар мавзӯи «Такмили системаи идоракунии рушди инноватсионии саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, методология, амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ.**

## 1. Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

Диссертатсияи Муртазозода Ораз дар мавзӯи «Такмили системаи идоракунии рушди инноватсионии саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, методология, амалия» дар заминаи Феҳристи ихтисосҳои илмӣ, ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст, ба анҷом расонида шуда, ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ мувофиқат менамояд: 1.1.Рушди муқаррароти назариявӣ ва методологии фаъолияти инноватсионӣ; такмилдиҳии шаклҳо ва усулҳои таҳқиқи равандҳои инноватсионӣ, рақамикунонӣ дар низомҳои иқтисодӣ. 1.4. Таҳқиқи равандҳои ҳамгироӣ дар муҳити инноватсионӣ. Консепсияҳои навсозӣ ва шаклҳои татбиққунии амалии онҳо. 1.5. Хусусиятҳои таъсисдиҳӣ ва таҳқиқи низомҳои миллии инноватсионӣ: принсипҳои сохт ва рушдёбӣ, сохтор ва функсияҳо, баҳодиҳии самаранокӣ. 1.6. Коркарди усулҳо ва механизмҳои ҳамгироии илми мактабҳои олӣ бо низоми миллии инноватсионӣ ва раванди ҷаҳонии инноватсионӣ. Рушди усулҳо ва шаклҳои тиҷоратикунонии инноватсияҳои мактабҳои олӣ дар корхонаҳои хурди инноватсионӣ. 1.9. Баҳодиҳии неруи

инноватсионӣ дар низомҳои иқтисодӣ.1.13. Коркард ва такмилдиҳии шаклҳо, сохтор ва низомҳои институтсионалии идоракунии фаъолияти инноватсионӣ ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ. Баҳодиҳии самаранокии фаъолияти инноватсионӣ.1.15.Таҳқиқи самтҳо ва воситаҳои рушди созмондиҳии нави технологии низомҳои иқтисодӣ. Коркарди стратегияи рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ. 1.29. Такмили методологияи идоракунии сармояи инсонӣ барои манфиатҳои рушди инноватсионӣ ва рақамикунонии равандҳои иқтисодӣ–иҷтимоӣ.

## 2. Мубрам будани мавзуи диссертатсия.

Таҳқиқоти диссертатсионии Муртазозода Ораз дар мавзӯи «Такмили системаи идоракунии рушди инноватсионии саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, методология, амалия» бо равандҳои стратегӣ ва ҳадафҳои асосии сиёсати иқтисодӣ ва саноатии мамлакат, аз ҷумла бо ҳуҷҷатҳои муҳимми давлатӣ, аз ҷумла “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030”, “Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025” ва “Стратегияи рушди иқтисоди «сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023–2037” иртиботи зич дорад, ки ин ба мавзӯъ аҳамияти баланди амаливу илмӣ мебахшад.

Ҳамзамон бояд зикр намуд, ки муаллиф дар рисола масъалаи таҳкими заминаҳои назариявӣ ва амалии идоракунии инноватсионӣ дар саноати ҷумҳурӣ, ташкили механизмҳои муассири ҳамгироии илм, технология ва истеҳсолот ва баланд бардоштани рақобатпазирии истеҳсолоти миллӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рақобати шадиди бозорӣ мавриди баррасӣ қарор додааст. Аз ҳамин лиҳоз, мубрамияти масъала бо он асоснок мегардад, ки иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи гузариш ба модели саноатикунонии инноватсионӣ қарор дошта, ин раванд бе такмили системаи идоракунӣ ва бидуни арзёбии мунтазами илмӣ самаранок буда наметавонад.

Тавре ки дар рисола нишон дода шудааст, зарурати таҳқиқот, пеш аз ҳама аз талаботи рушди босуботи иқтисодӣ, гузариш ба технологияҳои муосир

ва мутобиқшавӣ ба стандартҳои ҷаҳонии истеҳсолӣ ва экологӣ бармеояд. Муаллиф дуруст қайд мекунад, ки саноати миллӣ ба таҳияи механизмҳои муосири идоракунии инноватсияҳо, аз ҷумла ташкили кластерҳои саноатӣ, рушди инфрасохтори инноватсионӣ, таҳкими низоми «донишгоҳ–бизнес–давлат» ва ҷалби сармояи хусусиву хориҷӣ ниёз дорад.

Дар рисола муаллиф ба таври илмӣ асоснок нишон медиҳад, ки барои баланд бардоштани самаранокии идоракунии инноватсионӣ зарур аст, ки механизмҳои имрӯза такмил дода шаванд ва мониторинги доимии таҳқиқоти илмӣ ба сифати унсури ҳатмӣ дар низоми идоракунӣ ворид гардад. Инчунин, муаллиф аҳамияти ҳамгироии сиёсати инноватсионӣ бо ҳадафҳои рушди устувор ва иқтисоди «сабз»-ро таъкид мекунад, ки ин ба саноати ҷумҳурӣ имкон медиҳад ба талаботи муосири экологӣ ва технологӣ ҷавоб диҳад.

Бо назардошти мазмун, сохтори илмӣ, мантиқияти таҳлил ва асоснокии хулосаҳо метавон гуфт, ки рисола ба талаботи тадқиқоти илмӣ мутобиқ буда, дорои аҳамияти назариявӣ ва амалии баланд мебошад.

## 3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.

Навгониҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз асосноксозӣ ва ҳалли маҷмӯи масъалаҳои назариявию амалии такмилдиҳии дастгирии давлатии рушди низоми саноати кишвар дар заминаи принсипҳо ва механизмҳои фаъолияти инноватсионӣ иборат мебошанд.

Дар қисми методологӣ тадқиқот ба равишҳои низомӣ такя карда, имкон медиҳад мушкилоти калидӣ дар идоракунии рушди инноватсионии соҳаи саноат таҳлил ва хулосабардорӣ шаванд. Дар ҷараёни таҳқиқ усулҳои омориву математикӣ, модели бисёромила, усулҳои ҷадвалӣ, графикӣ ва дигар методҳои таҳлилии муосир васеъ истифода шудаанд.

Дар доираи таҳқиқот натиҷаҳои муҳимми зерин ба даст оварда шудаанд, ки навгонии илмии корро муайян мекунанд:

– мушаххас намудани мавқеъ ва ҷойгоҳои фаъолияти инноватсионӣ дар низоми идоракунии рушди соҳаи саноат бо такя ба таҳлили ҳамаҷонибаи ҷанбаҳои назариявии он. Дар ин раванд идоракунии рушди инноватсионии низоми саноатӣ таъриф дода шудааст, ки он ҳамчун маҷмуи истифодаи роҳу усулҳои инноватсиониро дар бар гирифта, татбиқи онҳо дар низоми саноатӣ самаранокии онро дар шароити бозор таъмин намуда, онро ба самти мақсаднок равона менамояд;

– асоснок кардани роҳу усулҳо идоракунии рушди инноватсионии саноат бо таваҷҷуҳ ба таҷрибаи кишварҳои пешқадам ва татбиқи онҳо дар шароити Тоҷикистон. Бо ин мақсад пешниҳод карда мешавад, ки минбаъ зарур аст, ки ба таъсиси кластерҳои саноатӣ, комплексҳои саноатӣ ва дигар инфрасохтори саноатие, ки дар заминаи принсипҳои инноватсионӣ таъсис дода шуда, фаъолияти он идора карда мешавад, диққати махсус дода шавад;

– гурӯҳбандии принсипҳои асосии идоракунии рушди инноватсионии соҳаҳои саноатӣ: самаранокӣ, систематикӣ, таъминоти кадрӣ, мутобиқшавӣ, давомнокӣ, идоракунии хавфҳо, таъмини захираҳо, ҳамкорӣ ва ошкорбаёнӣ, таъминоти инфрасохторӣ, таваҷҷуҳи муштариён, таъминоти моддию техникӣ. Принсипҳои мазкур барои идоракунии рушди инноватсионии низоми саноатӣ заминаи мусоид фароҳам оварда, онро ба сатҳи нави муносибат дар шароити бозор мебарорад;

– асосноккунии ҷанбаҳои методии идоракунии рушди инноватсионии саҳаи саноат бо таваҷҷуҳ ба муайян намудани нишондиҳандаҳои асосӣ ва усулҳои арзёбии рушди инноватсионии низоми саноатӣ;

– дида баромадани имкониятҳои рушди инноватсионии соҳаи саноат бо таваҷҷуҳ ба муайян намудани талаботи соҳа ба захираҳои кадрӣ ва пешниҳод кардани роҳҳои таъмини ба он;

– мавриди таҳқиқ ва хулосабарорӣ қарор додани сохтори институтсионалии идоракунии рушди инноватсионии низоми саноатӣ миллӣ бо таваҷҷуҳ ба муайянсозии нақши ниҳодҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ дар ин самт;

– мушаххас кардани нақши давлат ҳамчун субъекти раванди инноватсионӣ дар идоракунии рушди низоми саноатӣ ва пурзӯр намудани кори сохторҳои таркиби он дар заминаи гузаштан ба модели индустриалӣ-инноватсионӣ ва таҳияи асосҳои консептуалии рушди он;

– ошкор намудани мушкилоти саноати миллӣ дар раванди гузариш ба модели инноватсионии рушд бо роҳи таҳлили ҳамаҷонибаи имконият ва монеаҳо дар ин раванд, ки бартараф намудани онҳо рушди устувори соҳаи саноати миллиро дар шароити маҳдудияти захираҳо ва афзоиши рақобати бозорӣ таъмин менамояд;

– рушди ҳамгироии инноватсионӣ дар соҳаи саноат бо таваҷҷуҳ ба тавсеаи шарикии илм, таҳсилот ва истеҳсолот ҳамчун роҳи расидан ба ҳадафҳои рушди устувор асоснок карда шудааст. Татбиқи консепсияи пешниҳодшудаи муаллиф (Консепсияи рушди иқтисоди "сабз" дар соҳаи саноат) дар шароити Тоҷикистон як падидаи нави иқтисодӣ буда, он метавонад дар раванди идоракунии инноватсионии соҳаи саноат ва рушди "сабз"-и он нақши ҳалкунанда гузорад;

– самтҳои афзалиятноки идоракунии рушди инноватсионии системаи миллии саноатӣ бо таваҷҷуҳ ба рақамикунонии раванди тавлиди молу маҳсулот ва мутобиқгардонии он бо принсипҳои иқтисоди "сабз" пешнишод карда шудаанд. Чунин равиш имкон медиҳад, ки аз як тараф, рушди инноватсионии низоми саноати миллӣ таъмин гардад ва аз ҷониби дигар, сохтори истеҳсолии кишвар марҳала ба марҳала ба талаботи экологӣ, ҳамчун Ҳадафи Рушди Устувор, (ҲРУ) мутобиқ гардонида шавад.

## 4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.

Таҳқиқот нишон медиҳад, ки яке аз масъалаҳои калидии ташаккули саноати рақобатпазир дар кишвар ин идоракунии рушди инноватсионии он мебошад. Дар Тоҷикистон тайи солҳои охир ба ин ҷанба таваҷҷуҳи хос равона гардидааст, зеро маҳз рушди инноватсионӣ имкон медиҳад, ки саноат ба

талаботи иқтисодиёти муосир мутобиқ гардад, рақобатпазирии корхонаҳо боло равад, бозори дохилӣ бо маҳсулоти ватанӣ таъмин ва иқтидори содиротӣ тақвият ёбад.

Дар айни замон, саноати Тоҷикистон зери таъсири омилҳои зиёди дохилӣ ва берунӣ қарор дорад. Яке аз муҳимтарин шартҳои рушди рақобатпазирӣ – ворид намудани дастовардҳои илмӣ ва технологӣ ба истеҳсолот мебошад. Барои ин, зарур аст, ки сохтори истеҳсолии кишвар ба талаботи нав мутобиқ гардида, бо дарназардошти зерсистемаҳои муҳими саноатӣ бозсозӣ шавад.

Бо дарназардошти таҷрибаи кишварҳои пешрафта, ки дар самти татбиқи инноватсия дар истеҳсолот пешсаф мебошанд, таҳқиқот зарурати таҳияи модели миллии инноватсионии саноатро собит намуд. Ин модел бояд ба хусусиятҳои миллӣ такя карда, ҳамзамон, дастовардҳои ҷаҳониро дар бар гирад.

Раванди минбаъдаи таҳқиқот исбот менамояд, ки низоми кунунии саноати миллӣ бештар ба иқтисодиёти анъанавӣ моил буда, омилҳои инноватсионӣ кам истифода мешаванд. Аз ин рӯ, зарур аст, ки низоми идоракунӣ ба стандарти инноватсионии муосир мутобиқ гардонида шавад, ки асоси онро ҳамкории давлат, бахши хусусӣ ва марказҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ташкил медиҳад. Дар ин самт, тақвият додани ҳамгироии сеҷонибаи илм, таҳсилот ва истеҳсолот аҳамияти махсус дорад. Дастгирии донишгоҳҳо, ҷалби студентон ба таҷрибаомӯзӣ, таъсиси лоиҳаҳои муштарак ва фаъол шудани марказҳои илмӣ-таҳқиқотӣ метавонанд ба татбиқи технологияҳои нав суръат бахшанд.

Дар баробари ин, гузариш ба иқтисодиёти «сабз» яке аз самтҳои муҳимми таъмин ва устувории рушди саноат мебошад. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки яке аз масъалаҳои калидӣ – ташкили экосистемаи рақамӣ дар соҳаи саноат мебошад. Рақамисозии равандҳои истеҳсолӣ ва идорӣ имкон медиҳад, ки самаранокӣ зиёд, хароҷот кам ва шаффофият беҳтар гардад.

Ҳамин тавр, хулоса ва тавсияҳои таҳиягардида аз таҳлили ҳамаҷонибаи вазъ, омӯзиши таҷрибаи байналмилалӣ ва арзёбии имконияту мушкилоти воқеии саноати кишвар бармеоянд. Онҳо метавонанд дар таҳкими асосҳои илмии сиёсати давлатӣ, ташаккули инфрасохтори инноватсионӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии саноати миллӣ нақши муҳим бозанд.

## 5. Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо

Аҳаммияти назариявии тадқиқот дар таҳияи муқаррароти назариявӣ ва методологӣ ифода меёбад. Тадқиқот моҳият ва мазмуни иқтисодии таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии саноатро таҳия намуда, метавонад барои татбиқи тадбирҳои муассири рушди индустриалию инноватсионӣ истифода шавад. Маводи таҳқиқотӣ заминаҳои консептуалии рушди инноватсионии саноатро тақвият мебахшад. Илова бар ин, тадқиқот масъалаҳои асосии методологии амнияти иқтисодӣ ва рушди устуворро таҳлил ва такмил медиҳад.

Натиҷаҳои муҳимми тадқиқот барои ниҳодҳои давлатӣ, марказҳои таҳлилӣ ва мақомоти маҳаллӣ арзиши баланди амалӣ доранд. Модели пешниҳодшуда метавонад дар таҳияи барномаҳои давлатӣ, баҳодиҳии хавфҳои иқтисодӣ, такмили низоми мониторинг ва қабули қарорҳои стратегӣ истифода шавад. Бо дарназардошти ин, маводҳои таҳқиқотӣ метавонанд дар таълими фанҳои «Назарияи иқтисодӣ», «Иқтисоди рақамӣ», «Иқтисоди корхона» ва курсҳои махсуси рушди сиёсати саноатӣ ва инноватсионӣ истифода шаванд.

Ҳамзамон, дастовардҳои тадқиқот ба устувории иқтисоди миллӣ мусоидат мекунанд. Татбиқи механизмҳои таҳияшуда метавонад хавфҳои макроиқтисодӣ коҳиш ёбанд, муҳити сармоягузорӣ беҳтар шавад ва самаранокии истифодаи захираҳои давлатӣ ва хусусӣ афзоиш ёбад. Ин тадбирҳо ба рушди истеҳсолот, инноватсия ва фаъолияти соҳибкорӣ таъсири мусбат мерасонанд, ки боиси тақвияти иқтидори иқтисодии кишвар дар

шароити ноустувории глобалӣ мегардад ва мустақиман ба сатҳи некӯаҳволии аҳолӣ таъсир мерасонад.

Зимнан, сохтори кори диссертатсионӣ ҳадафҳои таҳқиқот ва мантиқии алоқамандии қисматҳои онро пурра инъикос намуда, мутобиқатии онро тасдиқ мекунад. Диссертатсия аз муқаддима, панҷ боб, 15 зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст. Кор аз 396 саҳифа, 27 ҷадвал, 35 расм, 9 диаграмма иборат мебошад. Рӯйхати адабиёти истифодагардида 320 номгӯйро дар бар мегирад.

**Дар муқаддима** мубрамияти мавзӯи диссертатсионӣ дар заминаи таҳавволоти муосири иқтисоди ҷаҳонӣ ва зарурати баланд бардоштани рақобатпазирии соҳаи саноати кишвар асоснок гардида, дараҷаи коркарди илмӣ-амалии масъала, ҳадафу вазифаҳои таҳқиқот, объекти омӯзиш, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ бо тартиби муфассал шарҳ дода шудаанд.

**Боби якум** – *«Асосҳои назариявии ташаккулёбии системаи идоракунии рушди инноватсионии соҳаи саноат»* ба таври амиқ паҳлӯҳои назариявии ташаккулёбии системаи муосири идоракунии инноватсия дар доираи низоми миллии саноатро баррасӣ менамояд (саҳ.24-84). Дар ин боб ҷанбаҳои институтсионалӣ, ташкилии сохтори идоракунӣ, принсипҳои амалкунандаи рушди инноватсионӣ ва таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ оид ба идоракунии раванди инноватсионӣ таҳлил ва муқоиса карда шудаанд. Хусусан, ин таҳқиқоти назариявӣ асоси методологӣ барои муайян намудани механизму моделҳои самараноки идоракунии инноватсионӣ дар соҳаи саноати Тоҷикистонро фароҳам меорад.

**Боби дуюм** – *«Ҷанбаҳои методологии ташаккулёбӣ ва идоракунии рушди инноватсионии соҳаи саноат»* принсипҳои калидӣ ва шароитҳои заруриро барои ташкили системаи самараноки идоракунии инноватсия муайян менамояд. Дар ин бахш, методологияи таҳқиқотӣ такмил дода шуда, заминаҳои илмию амалие, ки барои баланд бардоштани самаранокии низоми идоракунии инноватсионӣ ва тағйири ҷузъҳои институтсионалии он заруранд, асоснок карда шудааст. Бояд гуфт, ки ин таҳлили методологӣ имкон додааст,

ки равандҳои мураккаби идоракунӣ дар соҳаи саноат бо дарназардошти тамоюлҳои ҷаҳонӣ арзёбӣ гарданд (саҳ.85-137).

**Боби сеюм** – *«Вазъи муосир ва тамоюлҳои асосии идоракунии рушди инноватсионии саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон» (саҳ.138-206)* ба омӯзиши амиқи вазъи ҳозираи соҳаи саноат, сатҳи ҷорӣ ва динамикаи рушди инноватсионӣ дар корхонаҳои саноатӣ, инчунин, механизмҳои амалкунандаи идоракунӣ бахшида шудааст. Дар ин боб мониторинг ва арзёбии ҳаматарафаи омилҳои таъсиррасон, имкониятҳо ва маҳдудиятҳои рушди инноватсионӣ анҷом дода шудааст. Илова бар ин, усулҳои арзёбии самаранокии системаи идоракунии инноватсия дар корхонаҳо асоснок гардида, имкониятҳои мутобиқсозии онҳо ба шароити Тоҷикистон таҳлил карда шудааст.

**Боби чорум** – *«Нақши ҳамгироии инноватсионӣ дар раванди идоракунии рушди системаи саноатӣ»* моҳият, афзалиятҳо ва нуқсонҳои консепсияҳои муосири ҳамгироии инноватсионӣ, аз ҷумла ҳамгироии илм, маориф ва истеҳсолотро мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар ин қисмат зарурати гузариш ба моделҳои муосири ҳамгироӣ дар шароити иқтисоди ҷаҳонӣ асоснок шуда, паёмадҳои мусбат ва мушкилоти ҳамгироӣ дар соҳаи саноати Тоҷикистон таҳлил карда шудааст. Ин боб нишон медиҳад, ки татбиқи механизмҳои кластерӣ, паркҳои технологӣ, марказҳои трансфери технология ва дигар шаклҳои муосири ҳамгироӣ барои ташаккули системаи устувори инноватсионӣ аҳамияти калидӣ доранд (саҳ.207-266).

**Боби панҷум** – *«Самтҳои асосии такмили системаи идоракунии рушди инноватсионии саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон»* ба масъалаҳои амалии рушди инноватсионӣ бахшида шуда, самтҳои афзалиятноки такмили механизмҳои идоракунӣ дар асоси рақамикунонӣ, технологияҳои «Индустрии 4.0», иқтисодиёти “сабз” ва дастгириҳои институтсионалӣ асоснок карда мешаванд. Пешниҳодҳои ин боб ба модели миллии рушди саноат такя намуда, барои баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ аҳамияти муҳимми амалӣ доранд.

**Дар хулоса,** натиҷаҳои калидии таҳқиқоти диссертатсионӣ ҷамъбаст гардида, пешниҳодҳои илмӣ-амалӣ ҷиҳати такмили назария ва амалияи идоракунии рушди инноватсионии соҳаи саноати Тоҷикистон асоснок карда шудааст. Инчунин, робитаи мантиқии ҳамаи бобҳои диссертатсияро таъмин намуда, муҳимтарин механизмҳо, шартҳо ва самтҳои рушди минбаъдаи системаи идоракунии инноватсионӣ дар кишвар муайян гардидааст.

## 6. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ

Мақолаву асарҳои интишорёфтаи Муртазозода Ораз ба таври равшан иқтибосҳои илмиву хулосаҳо ва пешниҳодҳои мавҷуда дар диссертатсияро инъикос менамоянд. Бар асоси натиҷаҳои корҳои диссертатсионӣ, 62 кори илмӣ нашр шудааст, ки аз онҳо 1 монография ва 39 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонида шудааст. Ҳамаи мақолаҳои илмии нашршудаи муаллиф дорои муҳтавои таҳқиқотӣ буда, мутобиқи талабот ва муқаррарот дар онҳо инъикос ёфтааст.

## 7. Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия

Новобаста ба дастовардҳои назаррраси илмӣ дар диссертатсия баъзе камбудӣ ва норасоиҳо мавҷуд мебошад:

1. Дар ҷадвали 1.1.1. Намудҳои зерсистемаҳои соҳаи саноат тасниф гардидааст. Ба андешаи мо, хуб мешуд агар муаллиф платформаи рақамиро ҳамчун зерсистемаи муҳими саноат дида мебаромад.

2. Муаллиф дар зербоби 1.3 Таҷрибаи хориҷии идоракунии рушди инноватсионии соҳаи саноатро мавриди таҳлил қарор додааст. Хуб мешуд, агар диссертант оид афзалият ва камбудиҳои моделҳои ҷаҳонии рушди саноат ва мувофиқатии онҳо ба шароити Тоҷикистон ба таври мушаххас маълумот пешниҳод менамуд.

3. Аз ҷониби муаллифи кор дар расми 2.1.1. Меъёрҳои идоракунии рушди инноватсионии соҳаи саноат таҳия ва пешниҳод карда шудааст. Аммо, то чӣ андоза ин меъёрҳо дар соҳаи саноати кишвар риоя мешаванд, дар кор маълумот мушоҳида намешавад.

4. Дар зербоби 2.3., ки ба "Арзёбии сохтори институтсионалии системаи идоракунии рушди инноватсионии соҳаи саноат" бахшида шудааст, худи сохтор дида намешавад. Ҳарчанд, ки натиҷаҳои муаллиф вобаста ба нақши давлат дар ин самт назаррас мебошанд.

5. Чуноне, ки аз натиҷаи таҳқиқоти муаллиф маълум аст, тайи солҳои 2015-2023 дар Тоҷикистон коҳишёбии индексҳои истеҳсоли саноатӣ ба чашм мерасад (ҷадвали 3.1.1.). Хуб мешуд, агар муаллиф сабаби ба чунин ҳолат рӯ ба рӯ шуданро шарҳ медоданд.

6. Дар расми 4.1.1. Навъҳои муосири ҳамгироии инноватсионии саноатиро муаллиф ҷудо намудааст. Дар баробари ин, зарур буд, ки дар хусуси мувофиқатии онҳо ба шароити саноати Тоҷикистон илова менамуд.

7. Баъзан камбудиҳои техникӣ ва имлоӣ дар кор ба назар мерасанд.

Албатта, эродҳои овардашуда хусусияти тавсиявӣ дошта, арзиши назариявӣ, методологӣ ва амалии кори иҷрошударо коҳиш намедиҳанд.

## 8. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Камиссия

Диссертатсия ва автореферати он мазмуни асосии таҳқиқоти илмиро пурра инъикос менамоянд. Дар онҳо навгониҳои илмӣ ва натиҷаҳои оригиналии таҳқиқот, ки барои ҳимоя пешниҳод карда шудаанд, равшан ва мушаххас баён гардидаанд.

Барасмиятдарории диссертатсия ва автореферат тибқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда шудааст, ки тамоми талаботи ҷориро дар бар мегирад.

## 9. Хулосаи ҷамъбастӣ

Дар умум, диссертатсияи тақризшаванда дар мавзуи «Такмили системаи идоракунии рушди инноватсионии саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария,

методология, амалия» аз руйи натиҷаҳои илмӣ ва амалии худ ҷавобгӯи талаботҳои бандҳои 31, 33, 34 ва 35 “Тартиби доданаи дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, таҳия карда шудааст. Бинобар ин арзанда аст, ки ба муаллифи кори диссертатсионии мазкур Муртазозода Ораз дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ дода шавад.

**Муқарризи расмӣ:**
**доктори илмҳои иқтисодӣ,**
**дотсенти кафедраи иқтисодиёти**
**корхонаҳо ва соҳибкории**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Зияева М.Д.**

***Имзои д.и.и., дотсент Зияева М.Д.-ро тасдиқ мекунам:***

**Сардори раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Шодихонзода Э.Ш.**

*Суроға: 734025. Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе,*
*к. Буни Ҳисорак, Шаҳраки донишҷӯён, бинои таълимии 7*
*Телефон: 918-61-86-54, e-mail: z_manija@mail.ru, info@economic.tnu.tj*